# Раводиди ғайримуҳоҷират

Раводиди ғайримуҳоҷират барои онҳое пешбинӣ шудааст, ки мехоҳанд ба Иёлоти Муттаҳида муваққатан ба хотири сайру саёҳат, соҳибкорӣ, таҳсил ва ё табодули фарҳангӣ сафар кунанд. Дархосткунандагони роводиди ғайримуҳоҷират бояд барои мусоҳиба бо консул худро ҳатман номнавис кунанд. Мусоҳиба танҳо аз рӯйи номнависии пешакӣ сурат мегирад. Сафоратхона бе номнависии пешакӣ касеро қабул намекунад.

## Дархости раводид

Барои муроҷиат кардан барои гирифтани раводиди ғайримуҳоҷирати Иёлоти Муттаҳида иқдоми зеринро пеш гирифтан лозим аст:

Қадами аввал: Мутмаин бошед, ки ш**иносномаи Шумо** ҳадди ақал ба муддати шаш моҳи баъди таърихи хуруҷ аз ИМА эътибор дошта бошад (масалан, агар Шумо тасмим гирифтаед, ки моҳи март ба Амрико ба муддати як моҳ сафар мекунед, пас шиносномаи Шумо бояд, ақаллан, то охири моҳи октябр эътибор дошта бошад).

**Қадами дуввум:** Намунаи электронии дархостномаи раводиди ғайримуҳоҷират DS-160 –ро аз тариқи интернет пур кунед. Барои пур кардани ин намуна Шумо бояд фотосурати рақамӣ (digital photo) дошта бошед. Лутфан талаботхоро барои фотосурат ва тарзи ба нусхаи интернетӣ кӯчонидани онро бодиққат хонед. Агар фотосурати рақамии Шумо ба талаботхо чавобгу набошад, Шумо имконият доред бе кучонидани сурат пур кардани дархостномаи худро идома дихед. Дар ин ҳолат, пас аз бомуваффақият пур кардани намунаи электронии дархостнома, Шумо метавонед фотосурати ба талабот ҷавобгӯятонро ҳамроҳи худ ба мусоҳиба бо консул биёред.

Дар ёд дошта бошед, ки накӯчонидани сурати шумо ба дархостномаатон ва ба ҷои он ба мусоҳиба овардани сурат метавонад раванди додани раводидро дарозтар кунад.

Шумо бояд муайян кунед, ки барои гирифтани кадом навъи раводид муроҷиат карда истодаед. Барои дарёфти маълумоти зарурӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои иловагие, ки дар вакти мурочиат кардан ба навъхои гуногуни раводид лозиманд, лутфан ба Ҷадвали навъи раводидҳо муроҷиат намоед.

Қадами сеюм: барои худро ба мусоҳиба номнависӣ кардан лутфан ин линкро пахш кунед.

- То ин ки барои содир шудани раводидатон вақти кофӣ дошта бошед, Шуморо зарур аст, ки рӯзи мусоҳибаатонро бо консул ҳадди ақал ду ҳафта пештар аз таърихи эҳтимолии сафаратон таъйин кунед.
- Маъмулан мӯҳлати интизорӣ барои баргузоршавии мусоҳиба барои дарёфти Раводиди ғайримуҳоҷират ду рӯзро ташкил медиҳад. Лутфан ин линкро пахш кунед.
- Мусоҳибаи таъҷилӣ метавонад дар ҳолати зарурати сафари таъҷилӣ таъйин карда

шавад ва чунин зарурат вобаста ба ҳар як ҳолати алоҳида баррасӣ карда мешаванд. Дархосткунандагоне, ки мехоҳанд бо консул мусоҳибаи таъҷилӣ дошта бошанд, метавонанд бо Шӯъбаи консулӣ тариқи телефони 229 23 00 тамос гиранд.

**Қадами чаҳорум:** Дар рӯзи таъйиншудаи мусоҳиба лутфан ҳамроҳи худ маблағи боҷи консулиро оваред. Қиммати боҷи консулӣ барои ҳар як дархосткунанда, аз ҷумла барои кӯдакон, 140 доллари амрикоӣ ё муодили он баробар ба 630 сомониро (ин рақам метавонад вобаста ба арзиши доллар ба сомонӣ дар рӯзи пардохт тағйир хурад) ташкил мекунад, **ки он баргардонида намешавад**. Маблағ бояд бе бақия бошад ва ба равзанаи муҳосиби консулӣ супорида шавад. Он бояд бо як намуди арз – ё доллари амрикоӣ ва ё сомонӣ пардохт карда шавад; омехта кардани арзҳои гуногун мумкин нест.

Шаҳрвандони кишварҳои дигар илова ба маблағи боҷи консулӣ боз арзиши коркарди раводидро ҳам пардохт мекунанд. Барои дарёфти маълумот оиди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон бояд арзиши коркарди раводидро пардохт кунанд, лутфан ин линкро пахш кунед.

**Қадами панҷум:** Мусоҳибаи рӯ ба рӯ бо Консул

Ҳангоми мусоҳиба:

- ба саволҳо ҷавоби сареҳ диҳед. Кӯшишҳои дарёфти раводид бо роҳи дидаву дониста пешниҳод кардани маълумоти бардуруғ ва ё фиребдиҳӣ метавонанд боиси он шаванд, ки ба Шумо дигар абадан на раводид диҳанду на иҷозати ворид шудан ба марзи ИМА-ро.
- дархосткунандагон бояд ба фаҳмонидани мақсади сафарашон ба ИМА ва ошкор кардани сарчашмаи маблағгузории он омода бошанд.

Ҳуҷҷатҳои ёрирасон

Барои дарёфти баъзе аз навъҳои раводид пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои иловагӣ лозим мешавад. Барои дарёфти маълумоти муфассал оиди ин мавзӯъ лутфан ба Ҷадвали раводидҳо муроҷиат намоед. Дархосткунандагони навъи раводиде, ки ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намекунад, ҳамчунин метавонанд ҳуҷҷатҳои ёрирасони аз назари онҳо муҳимро пешниҳод кунанд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳои иловагиву ёрирасон бояд ба консул ҳангоми баргузории мусоҳиба пешниҳод карда шаванд. Ҳуҷҷатҳоро ба забони англисӣ тарҷума кардан ва ё дар идораи нотариалӣ тасдиқ кардан зарур нест. Баъди мусоҳиба консул ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро, ки ҷузъи дархостнома ба шумор намераванд, ба Шумо бар мегардонад.

Лутфан дар назар доред, ки пешниҳоди миқдори зиёди ҳуҷҷатҳо гарави он нест, ки ба Шумо ҳатман раводиди ғайримуҳоҷиратро хоҳанд дод. Ҳеҷ гуна рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки содир шудани раводидро кафолат медода бошанд, вуҷуд надорад

Дархостномаи тасдиқшуда

Агар мусоҳибаи Шумо рӯзҳои душанбе, сешанбе ё чоршанбе баргузор гашта, дархости раводиди Шумо тасдиқ шуда бошад, пас Шумо метавонед шиносномаатонро ҳамроҳ бо раводид соати 16:00 –и як рӯз баъд аз мусоҳибаатон гиред. Вале, агар мусоҳибаи Шумо рӯзи панҷшанбе сурат гирифта бошад, пас маъмулан раводид ва шиносномаи Шуморо соати 10:00 –и пагоҳи рӯзи душанбеи оянда бароятон бармегардонанд.

Варақаи раводид

Дар варақаи раводид маълумоти зерин дарҷ карда мешавад: навъи раводид, мӯҳлати эътибори он ва шумораи иҷозатдодашудаи воридшавӣ ба кишвар. Мафҳуми «мӯҳлати эътибори раводид» дар назар дорад, ки то кадом рӯз шумо метавонед ба ИМА ворид шавед. Баъди воридшавӣ ба ИМА маъмури муҳоҷират дар нуқтаи убури сарҳад мӯҳлати иқомати Шуморо дар ИМА муайян мекунад.

Рад кардани дархости раводид

Барои дарёфти маълумот оиди сабабҳои рад карда шудани дархости раводид тибқи банди 214(b)-и *Қонун дар бораи муҳоҷират ва шаҳрвандӣ* (Immigration and Nationality Act) лутфан ба қисми Рад шудани дархости раводид аз сомонаи www.travel.state.gov муроҷиат намоед.  Рад шудани дархости раводид тибқи банди 214(b)-и қонуни мазкур маънии онро надорад, ки Шумо дигар абадан наметавонед раводиди ИМА-ро дарёфт кунед. Дар сурати рух додани ягон тағйироти куллие дар зиндагии Шумо ва пайдо шудани маълумоти иловагиву наве, ки тавонад робитаи мустаҳками иҷтимоию иқтисодиатонро бо Тоҷикистон исбот кунад , Шумо метавонед аз сари нав барои дарёфти раводид ба сафорат муроҷиат кунед.

# # #